*ТДУ 575*
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-2-109-112***

# *НАҚШИ МУАЛЛИФ ДАР ШЕВАИ ПЕШНИҲОДИ БАРНОМАИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ*

***Қосимова Инобат Тӯхтабоевна**, номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров», (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *РОЛЬ АВТОРА В СТИЛЕ ПРЕЗЕНТАЦИИ ТЕЛЕВИЗОННОЙ ПРОГРАММЫ*

***Касымова Инобат Тухтабоевна**, кандидат филологических наук, доцент кафедры журналистика и теории перевода ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова», (Таджикистан, Худжанд)*

# *AUTHOR`S ROLE IN PRESENTATION STYLE TV PROGRAM*

***Kasimova Inobat Tukhtaboevna**, candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of journalism and translation theory under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov", (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:** qosimova@gmail.com,*

***Вожаҳои калидӣ:** барномаҳои тафреҳӣ, "Нигоҳи нав", журналисти телевизион, барномаи муаллифӣ, очерки телевизионӣ*

*Мақола ба муайян намудани нақши журналисти телевизион дар шеваи пеҳниҳоди барномаи телевизионӣ дар мисоли барномаи "Нигоҳи нав" бахшида шудааст.Қайд карда мешавад, ки дар шароити рақобати иттилоотӣ тамоми давлатҳо кӯшиш мекунанд, ки дар самти таблиғу ташвиқи ҳадафҳои худ устувор бошанд. Телевизион барои таҳти таъсир қарор додани аудиторияи васеъ нуфузи боз ҳам бештар пайдо мекунад, ки вобаста ба ин рушди техника ва технологияи ВАО имкону шароитҳои васеъ фароҳам меорад. Таҳқиқоти мазкур фаъолияти муаллифи барномаи телевизионӣ – журналисти телевизионро дар мисоли барномаи "Нигоҳи нав", ки аз тариқи ШТР СМ-1 пахш мешавад мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Таъкид меравад, ки ба нияти возеҳи ифодаи рӯзноманигор, мавқеи муаллиф ва ҷустуҷӯи ӯ дар сохту шакли бадеии барнома қарор гирифтааст. Мақола дар асоси маводи фаровон ва барномаҳои телевизион таълиф гардида, хулосаҳо моҳияти асосии таҳқиқотро бозгӯй мекунад.*

***Ключевые слова:** рекреативная передача, "Нигохи нав", телевизионый журналист, авторская программа, телевизионноый очерк*

*Статья посвящена определению роли автора в способе подачи телепрограммы на примере передачи "Нигохи нав". Отмечается что в условиях информационной конкуренции, в которой все страны стремятся быть последовательными в продвижении своих целей, телевидение приобретает все большее влияние для воздействия на более широкую аудиторию, что в свою очередь создает широкий спектр возможностей и условий для развития медиатехнологий.Рассматривается деятельность автора телепрограммы и тележурналиста, на примере программы «Нигохи нав», которая транслируется по каналу СМ-1. Подчеркивается четкий замысел высказывания журналиста, позиция автора и его поиски отражены в художественной структуре программы. Статья основана на богатом материале и телевизионных передачах, а выводы отражают суть исследования.*

***Key words:** recreational program, "Nigohi Nav", television journalist, author's program, television essay*

*The article dwells on determination of the author`s role in the method of presenting TV program on the example of the program "Nigohi Nav". It is noted that in the conditions of information competition, in which all countries strive to be consistent in promoting their goals, television is gaining more and more influence to influence a wider audience, which in turn creates a wide range of opportunities and conditions for the development of media technologies. The activity of the author of the TV program and TV journalist, on the example of the program "Nigohi Nav", which is broadcast on the SM-1 channel. The clear intention of the journalist's statement is emphasized, the position of the author and his searches are reflected in the artistic structure of the program. The article is based on rich material and television programs, and the conclusions reflect the essence of the study.*

Воситаҳои ахбори омма, махсусан, телевизион аз рӯзи ба вуҷуд омаданаш дар тарғибу ташвиқи фарҳангу тамаддуни миллӣ воситаи нерӯманду тавоное ба ҳисоб меравад. Дар шароити феълӣ, ки ВАО рушд карда, номгӯйи расонаҳои чопиву электронӣ зиёд гардидаанд, усулҳои таҳия ва пешниҳоди барнома ба такмил ва тағйироти шаклӣ ниёз пайдо мекунад. Дар телевизионҳои маҳаллӣ кӯшиши шакли нави пешниҳоди барномаҳо имрӯз ба назар мерасад, ки мисоли он барномаи "Нигоҳи нав"-и ШТР СМ-1 аст. Ба назари мо, масъалаи усулҳои таҳия ва пахши барномаҳои тафреҳӣ бо назардошти мавқеи муаллиф ба таҳқиқ ниёз дорад, зеро қолабҳои жанрӣ ва мавзӯии барномаҳо маҳз аз ҷаҳонбинӣ, сатҳи дониш ва малакаи касбии муаллифи барнома вобастагии бевосита дорад. Дар маҷмӯъ, бо рушди ВАО, аз ҷумла телевизион ва вусъат гирифтани мубориза ҳои иттилоотӣ, талабот нисбат ба сифат ва усулҳои нави таҳияи барнома зиёд гардида, масъулияти журналистон низ меафзояд. Аз ин лиҳоз омӯзиш ва баррасии мавзӯъ муҳиммияти бештар пайдо менамояд. Барномаҳои тафреҳӣ самти муҳими фаъолияти телевизион буда, роҳандозӣ намудани ҳадафҳо ва манфиатҳои миллиро бозгӯй ва таблиғу ташвиқ менамоянд. Телевизион дар шароити рақобати иттилоотӣ доираи фаъолияти худро васеъ карда, сабку услуби хосаи таҳия ва пахш пайдо намудааст.Бинобар таъсири ҳамаҷониба ва азими телевизион масъулияти он дучанд аст. «Он чизе, ки дар кишвар рух дода истодааст, беш аз пеш ба телевизион вобастагӣ дорад», менависад муҳақиқ С.Муратов ва меафзояд: «Журналисти дорои ахлоқ имкон намедиҳад, ки оқибати сухан ва амалҳои ӯ фаромӯш шавад, зеро пахши экранӣ метавонанд ба тақдир ва ҳаёти инсон таъсир расонад.» [2, с.47]. Пас, нияти муаллиф чизи асосиест, ки бояд барномаи телевизионии муаллифиро дар бар гирад. Бояд таъкид кард, ки чунин барнома метавонад дар жанрҳои мухталиф таҳия шуда, дар асоси воқеият, ҳуҷҷат ва ё мушкилот сабт шавад. Ба унвони мисол, "Нигоҳи нав"- и Салимҷон Саидов, «Офтоби меҳрубонӣ»-и Муҳаббат Муродова, "Кошона" и Мусаллама Мухтороваро ба ёд меорем. Аз он сабаб мо ин барномаҳоро муаллифӣ меномем, ки он ба нияти возеҳи ифодаи рӯзноманигор, мавқеи муаллиф ва ҷустуҷӯи ӯ дар сохту шакли бадеии барнома қарор гирифтааст. Барномаҳои "Ҳафта" (ТВ Тоҷикистон) "Хабар +" (ШТР СМ-1) ва ғайра на танҳо барномаҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ, балки аз ҷиҳати услубӣ инфиродӣ, муаллифианд. Дар барномаи мавриди назари мо "Нигоҳи нав" омезиши жанри очерки портретӣ ва сӯҳбати телевизионӣ ба назар мерасад. Ҳамчунин барномаҳои муаллифӣ дар жанри репортажи махсус ё очерк фазои бадеии телевизионро такмил дода, такя ба воқеият, факт амалӣ мегардад, ки дар ин гуна барномаҳо мавқеи баранда нақши назаррас дорад. Барномаи хуби муаллифӣ бояд на танҳо ба ақл, балки ба қалб низ таъсир расонад. Ба ақидаи муҳаққиқ М.Н. Ким "беҳтарин барномаҳои муаллифӣ ба эҳсоси бинанда таъсир мерасонад, он ба як саҳнаи хотирмон шабеҳ аст" [3,с.162].Барномаи "Нигоҳи нав" дар 1 моҳ 3 маротиба сабт мешавад ҳам дар телевизион ва ҳам дар YouTube бинандагон метавонанд онро тамошо кунанд. Сабти он на танҳо дар студияи телевизион, балки аз он берун масалан қаҳвахона, хуҷраи корӣ, боғ ва ҳатто берун аз ҳудуди шаҳр ба роҳ монда мешавад. Дар барнома ҳазл, шартҳои гуногун ба мисоли замзамаи суруд, порчаҳо аз саҳна ва ғайра истифода мешавад. Мақсади барнома фароғат бахшидан ба бинанда, ошно кардан бо ҳаёти шахсони маъруф мебошад, ки талаботи асосии барномаҳои тафреҳиву фароғатӣ мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқ И. Ҷамолов "Нигоҳи нав" аз лиҳози сохтор то ҳаде мураккаб аст ва дар баробари мусоҳиба дар худ баъзе унсурҳои шоу-барномаҳо, аз қабили викторинаю бозиҳо, ҷалби муштариён ба раванди барномасозӣ ва ғайраро фаро гирифтааст" [6]. Муҳаққиқи мазкур барномаи мавриди назарро ба сифати мусоҳиба баррасӣ намуда, бо маврид аз унсурҳои жанрҳои дигари журналистикаи телевизионӣ ёдовар мешавад. Ба таъкиди ӯ шумораи муштариёни барнома бо ҳисоби соли 2020 дар интернет 4,5 ҳазор нафар қайд шудааст, айни замон муштариёни барнома дар YouTube беш аз 10 ҳазор нафар ба назар мерасад.Сифатҳои шахсии ҳар як муаллиф-журналист ҷасорати шахсӣ, қобилияти бедор кардани ҳамдардии бинандагон, аксуламали фаврӣ ба рӯйдодҳо, хотираи хуб ва дониши ҳамаҷониба мебошанд. Ҳамин тавр дар телевизиони муосир ба шахсияти муаллиф ва симои ӯ диққати махсус дода мешавад. Ин дар навбати худ имиҷи шахсии журналист аст.Тавре таҳлилҳои барномаи мавриди назари мо нишон дод, саволҳо барои иброз намудани симои меҳмон равона гардида, мавқеи ӯро нисбат ба ин ё он масъала бозгӯ мекунанд. Дар ин ҷо муаллиф ба сифати мусоҳибагар баромад мекунад. Дар барномаи "Нигоҳи нав" сӯҳбати ҷолиб дар атрофи зиндагии меҳмон сурат гирифта, он асосан ба тариқи суолу посух ҷараён мегирад. Саволи навбатӣ дар асоси посухи пешини меҳмон сурат мегирад. Ғайр аз ин муаллиф мавзӯъро хуб медонад, ба суханони мусоҳиб пайравӣ намекунад, балки ҳангоми сӯҳбат мулоим ва

бечунучаро исрор мекунанд. Доир ба паҳлӯҳои гунонуни ҳаёти қаҳрамон саволҳои ногаҳонӣ пешниҳод менамояд. Ин ҷиҳат хусусан сӯҳбатро зинда ва ҷаззоб мегардонад. Саволҳо ва фазои мусоҳибаи тӯлонӣ аксар вақт аудиторияро дилгир мекунанд, ба мӯҳтавои барнома таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин барои рафъи мусоҳибаи сунъӣ, фазои тасодуфӣ ба мусоҳиб кӯмак ва дар лаҳзаҳои ҷудогона камбудӣ ё суханҳои хаторо бартараф намудан сӯҳбатро интеллектуалӣ намуда, дар сатҳи фаҳмиши меҳмон мубодилаи афкор сурат мегирад. Ин маънои фароҳам овардани шароит барои мусоҳибаро дорад, ки дар барномаи "Нигоҳи нав" аз ҷониби муаллиф амалӣ гардида, аз мавқеи устувор ва маҳорати касбии ӯ шаҳодат медиҳад.Чунончи дар барнома ба Фараҳманд Каримов саволи чаро фарёд зада суруд мехонед? Ба ин монанд саволҳо пешниҳод гардид, ки посух ба савол низ озод буд [8]. Дар оғоз баранда-муаллиф бо дуруд ба бинандае, ки тариқи ютуб, телевизион ё инстаграм барномаро тамошо мекунад, муроҷиат мекунад. Ба андешаи мо муроҷиати бевосита ба ҳар як навъи аудитория, диққати онҳоро ба барнома бештар ҷалб менамояд. Сипас дуруди меҳмон сурат гирифт. – "Ба кулли тамошобинон салом. Воқеан ҳам ба мо муяссар шуд, ки имрӯз барномаро ба навор гирем. Баъди анонси мазкур аз ҷониби муаллиф шаклу рафти барнома баён гардид. Сӯҳбат озод, самимӣ, бо шӯхӣ ханда ҷараён гирифт. Маълум гардид, ки то омода кардани шакли МРЗ ба дӯши худи Фараҳманд будааст, клип бошад ба дӯши нафарони дигар. Дар ҳамин маврид муаллиф иброз намуд, ки "Охирон клипи шуморо актёрони ҳирфаӣ нақш мебозанд" яъне аз ин бармеояд, ки пеш аз даъвати меҳмон муаллиф эҷодиёт ва фаъолияти онҳоро ҳамаҷониба меомӯзад. Саволи дигар низ ҳамин андешаи моро собит менамояд, ки ба таври зайл сурат гирифт: Шумо қаблан рэп мехондед? Ҳоло рэп чӣ нақш доранд дар ҳаёти шумо? Он рэпе, ки мазмуни хуб доранд ба ман маъқул аст. Сипас "...ба батл чӣ мегӯед?" ва ҷавоб низ ҷолиб буд "Ман то он ҷо нарафтаам? Саволи дигар низ ғайричашмдошт пешниҳод гардид. "Кай фарбеҳ мешавед?" ҷавоб низ шӯхиомез, аммо ба ҷо сурат гирифт: Рости гап ба ман фарбеҳӣ маъқул нест... худамро вазнин ҳис кардам...Дар рафти сӯҳбат маълум гардид, ки меҳмон бо намудҳои гуногуни варзиш машғул мешавад, ки ин ҷиҳат тарзи ҳаёти солим, варзиш ва дигар ғояҳои солимро байни аудитория мусоидат хоҳад кард.Муваффақияти барномаи муаллифии мазкур аз ҷиҳатҳои зерин вобаста аст: - таърифи дақиқи мавзӯъ, пешниҳоди дақиқи шаклу рафти барнома дар оғоз, - аз рафти тасвири баранда ва тасвири интиқоли паём, - аз омезиши усулҳои бадеии муоширати шифоҳӣ ва муроҷиати самимӣ, ки холигиро мепӯшонанд, аз маҷмӯи воситаҳои ифодаи телевизион, аз ҷумла таркиби кадр, тағир додани нақшаҳо, таҳрир ва ғайра. Дар барномаи дигар, ки бо овозхони ҷавон Ғуломҷон Мирдадоев сӯҳбат тамоман ранги дигар гирифт. Мизбону меҳмон ин навбат низ озод сӯҳбат намуданд, дар тафовут бо барономаи дар боло оварда сӯҳбат бештар дар атрофи ҳаёти оилавии сароянда сурат гирифт. Аз ҷумла савол ба монанди "Аз рашкҳои янга чи гуна халос мешавед" пешниҳоди вариантҳои шӯхиомези посух аз ҷониби худи муаллиф барномаро ҷоилб намуд. Саволҳои дигар аз ҷониби аудитория, ки тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ирсол мешавад сурат гирифт."То интишори барномаҳо аз муштариёни шабака хоҳиш мешавад, ки ба қаҳрамони навбатии барнома суолҳои худро пешкаш намоянд. Минбаъд муаллифи барнома аз ҷумлаи ин суолҳо беҳтаринашро интихоб карда, дар ҷараёни он ба мусоҳибонаш манзур менамояд" [6]. Ба таъкиди И.Ҷамолов дар як барнома аз ҳисоби муштариён 8 то 10 суол пешкаш мешавад. - Шунидам, ки ба ғайр аз ҳофизӣ дигар касб доранд. Худро ситора мешуморанд? Ба ҳунармандони оянда чӣ гуфта метавонанд? ва ба ин монанд саволҳои ғайриқолабӣ ва баъзан ғайричашмдошт садо дод [9]. Тавре худи баранда иброз дошт саволҳои мазмунашон такрор аз ҷониби муаллиф ихтисор ё муттаҳид карда мешаванд. "Ин шеваи кори Салимҷон Саидов ҳарчанд ба қонунҳои мусоҳибагирӣ дар YouTube мутобиқат кунад ҳам, таҳлилҳо нишон доданд, ки на ҳамаи меҳмонони барнома омодаанд ба чунин теъдоди зиёди суолҳо, бинобар ба таври кофӣ надонистани забони адабии тоҷикӣ, ҷавобҳои муфассал ва қаноатмандро пешкаш карда тавонанд" [6]. Бо вуҷуди ин тавре таҳлилҳои мо собит намуданд муаллифи барномаи "Нигоҳи нав" «ҳамчун як шахси намоён дар экран» қодир аст озодона фикр ва импровизатсия намояд [3,с.170], аз лаҳзаҳои ногаҳонӣ мебарояд, баъзе холигиҳои посухи мусоҳибаро пурра намояд, лаҳзаҳои ногаҳониро худаш эҷод мекунад.Ҷиҳати ногузир дар мусоҳибаи телевизионӣ пешниҳоди саволҳост. Саволи мантиқӣ ва ҷолиб посухи мукаммал ва аксаран дурустро ба вуҷуд оварда метавонад ва баръакс. Саволҳои барномаи мавриди

назари мо дар доираи мавзӯи интихобшуда, мушаххас пешниҳод мегарданд, ки аз як тараф, посухи мусоҳиб осон, аз ҷониби дигар, мусоҳибаро ҷолиб менамояд. Дар барномаи дар пойтахт бо Мубориз Усмонов-ровии барнома, продюссере, ки ба наздикӣ аниқтараш шаш моҳ пештар аз сабти барнома нахустин албомашро сабт кардааст, сурат гирифт. Барномаи мазкур аз пешвози ҷолиб оғоз гардид. “Мизбони ин кошона меҳмони мо ҳастанд” дар посух низ мусоҳиб баён намуд, ки: “Бисёр ростӣ чунин барномаро интизор буд”. Сипас иброз дошт, ки бисёр барномаҳои муаллифро тамошо ва ҳамчун рӯзноманигор ӯро қадр мекардааст” [9]. Дар давоми сӯҳбат муаллиф аз шароити барои онҳо пешниҳод гардида, изҳори сипос намуд. Аз сӯҳбат маълум мегардад, ки муаллифи барнома Салимҷон Саидов байни аудиторияи касбӣ соҳиби эътибор буда, дар ин ҷода мавқеи муайяни худро дарёфтааст. Саволҳои минбаъда низ доир ба ҳунари меҳмони барнома пешниҳод гардид. Ба ҳамин васила сӯҳбати ҷиддӣ, касбӣ, дар доираи мавзуъҳои муҳими иҷтимоӣ сурат гирифт. Меҳмон аз давраҳои паҳн шудани бемории сироятӣ ва дар хона қарор гирифтани мардум ёдовар гардид. Иброз намуд, ки кор бисёр бошад хуб аст. Муаллиф бо суоле мурочиат намуд, ки: “Ман иттилое дарёфтам, ки рэпер будед?” 12 сол пештар рэпер будам. Муаррифӣ намекардам. Сад дар сад якумин нафаре, ки дар ин бора гуфтед шумо будед” Пас аз ин посух муаллиф боз тасдиқ намуд: Бале ман низ мушоҳида кардам, ки дар сӯҳбатҳо ин мавзӯъ набуд [6]. Ҳамин тариқ аз таҳлили бойгонии барномаҳои “Нигоҳи нав” ба хулосае расидем, ки он дар фазои медиаи кишвар, усули нави пешниҳоди моли журналистӣ ба ҳисоб рафта, дар он журналист-муаллиф мавқеи аввалиндараҷа дорад. Ҳамзамон ҳар як барномаи телевизионии мавриди назар махсусияти худро дошта, аз ҳамдигар ба куллӣ тафовут дорад.Барнома на танҳо факт, балки дар пешниҳоди андешаҳои гуногун, ба симои воқеии шахсиятҳои маъруф амалӣ мешавад.Ҳамчунин жанри очерки портретӣ ё худ очерки телевизионӣ дар барномаи “Нигоҳи нав” такмил ёфта, дар такя ба воқеият, факт ва хислатҳои хоси қаҳрамон барои аудитория боз мегардад. Илова бар ин, мавқеи иҷтимоии қаҳрамонро бозгӯ намуда, барои тамошобин ғояҳои волои инсониро тарғиб мекунад. Чунин ифшо гардидани ботини қаҳрамон аз мавқеи баранда-муаллифи он вобаста аст.Сохтор ва мундариҷаи барномаи мавриди назар аз он шаҳодат медиҳад, ки маҳз маҳорати касбӣ ва донишу малакаи журналист-муаллифи барнома барои комёбии он боис гаштааст.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Асрори, В.М. Печать советского Таджикистана. Многонациональна советская журналистика / В.М. Асрори., А.Нуралиев.- М.: Мысль, 1975. -С.143-154.
2. Богомолова, Н.Н. Социальная психология печати, радио и телевидения / Н.Н. Богомолова. – М., МГУ, 1991. – 126 с.
3. Ким,М.Н.Технология создание журналистского произведения / М.Н. Ким– СПб., 2002. -320 с.
4. Қосимова, М. Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан / М.Қосимова.-Душанбе: Ҳумо, 2005.- 135с.
5. Муқим, Ҷ Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он – Душанбе: Озар, 2013. - 167 с.
6. Ҷамолов, И. Мусоҳибаҳои музофотӣ дар Youtube –шоуи тоҷикӣ, ё чанд гуфтание аз “Ногуфтаҳо” ва “Нигоҳи нав” https://newreporter.org/tj/2020/06/08/musohibahoi-muzofotjj-dar-youtube-shoui-tojikjj-yo-chand-guftanie-az-noguftaho-va-nigohi-nav(санаи дастрасӣ 27. 03.2022)
7. https://www.noxinfluencer.com/youtube/video-nalytics/SZizjJKEAOQ (санаи дастрасӣ 20.11.2021)
8. https://www.youtube.com/watch?v=-7kXCXv9Rfk (санаи дастрасӣ 20.11.2021)
9. https://www.youtube.com/watch?v=PhS70OI3JZo (санаи дастрасӣ 20.11.2021).


**REFERENCES:**


1. Asrori,V.M. Seal of Soviet Tajikistan. Multinational Soviet journalism /V.M. Asrori, A.Nuraliev. - M.: Thought, 1975. - P.143-154.
2. Bogomolova,N.N.Social psychology of press, radio and television/N.N.Bogomolov. - M.: MSU, 1991. - 126 p.
3. Kim, M.N. Technology of creating a journalistic work / M.N. Kim - SPb., 2002. - 320 p.
4. Kosimova,M.About the language of the Tajik press/M.Kosimova.- Dushanbe: Humo, 2005.- 135 p.
5. Muqim, J. Interview and its preparation technique - Dushanbe: Ozar, 2013. - 167 p.
6. Jamolov I. Provincial interviews on Youtube - a Tajik show, or a few words from "Noguftaho" and "Nigohi naw"https://newreporter.org/tj/2020/06/08/musohibahoi-muzofotjj-dar-youtube-shoui-tojikjj-yo-chand-guftanie-az-noguftaho-va-nigohi-nav (The date of appeal: 27. 03.2022)
7. https://www.noxinfluencer.com/youtube/video-nalytics/SZizjJKEAOQ (The date of appeal: 20.11.2021)
8. https://www.youtube.com/watch?v=-7kXCXv9Rfk (The date of appeal: 20.11.2021)
9. https://www.youtube.com/watch?v=PhS70OI3JZo (The date of appeal: 20.11.2021).